*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраи донишҷӯён, бинои таълими 7)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Вазирзода Дилором Раҷамат дар мавзуи “Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Дар низоми бонкии кишвар бонкҳо ва ташкилоҳои қарзии хурд барои пешниҳоди маблағгузории хурд ба субъектҳои хоҷагидории кишвар нақши созгор дорад. Аз ҳамин нуқтаи назар метавон иброз дошт, ки маблағгузории хурд ҳамчун низоми институтҳои маблағгузории хурд намудҳои хизматрасониҳои молиявии зеринро барои аҳолии камбизоат ва қашшоқ пешниҳод менамояд: хизматрасониҳои қарзӣ; хизматрасониҳои оид ба нигоҳдории пасандозҳо; хизматрасониҳои суғуртавӣ; хизматрасониҳои иҷоравӣ; хизматрасониҳои кафолатӣ; хизматрасониҳо оид ба интиқоли маблағҳои пулӣ; хизматрасониҳои бахши мубодилаи асъорҳо.

Бояд зикр кард, ки авторферат сохтори мантиқии хуб дошта, мақсад ва вазифаҳои дуруст таҳрезӣ шуда, бо забони илмии фаҳмо омода гардида, пешниҳодҳо ва таклифҳои муаллиф илман асоснок таҳия гардидаанд. Дастовардҳои назариявӣ ва таҳлилии муаллиф арзиши баланди илмӣ доранд. Бандҳои навгонии илмӣ, моҳияти таҳқиқотро кушода, дар худ иқтидори зиёди илмӣ ва амалию методологӣ дошта, арзиши баланди кори мазкурро тасдиқ менамояд.

Муаллиф дар авторферати худ ҷанбаҳои назариявии маблағгузории хурдро таҳқиқ карда иброз медорад, ки масъалаи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди соҳибистиқлолӣ васеъ омӯхта шуда, дар ин самт бо мусоидати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон нақшаю барномаҳои гуногун роҳандозӣ шуда, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардида, низоми маблағгузории хурд марҳила ба′марҳила ташаккул ва равнақ ёфта истодааст.

Муаллиф дар қисмати таҳлили авторефрат маълумотҳои зиёдеро аз муассисаҳои молиявии қарзӣ ҷамъовари карда, таҳлилҳо гузаронида, бо диграммаҳо ва ҷадвалҳо нишон дода аст.

Зимни таҳлилҳои муаллиф маълум шуд, ки дар давраи солҳои 2015-2023 ҳаҷми қарзҳои додаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар маҷмуъ 2,5 баробар (аз 53 664 16 ҳазор сомонӣ то ба 13585573,1 ҳазор сомонӣ) ва ҳаҷми қарзҳои хурди додаи ташкилотҳои маблағгузории хурд бошад, ба андозаи 1,9 баробар (аз 2 613 864 ҳазор сомонӣ то ба 49 281 86,5 ҳазор сомонӣ) афзоиш ёфтааст. Ҳамчунин, ҳиссаи қарзҳои додаи ТМХ дар ҳаҷми умумии қарзҳои додаи ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ аз 48,71% то 36,28% ё худ 12,4 б.ф. кам шудааст.

Омӯзиши автореферат нишон медиҳад, ки дар он мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба таври мушаххас нишон дода шуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва

амалии маблағгузориҳои хурд дар субеъктҳои хоҷагидорӣ барраси карда шудааст. Инчунин вазъи рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буриши минтақаҳои он, раванди маблағгузории хурд ва таъсири он ба паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амсиласозии иқтисодӣ-омории омилҳои рушди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ гардидааст.

Қайд кардан зарур аст, ки аз тарафи муаллиф корҳои муайян ба анҷом расонида шудааст, ки онҳоро аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ бо мақсади ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон .

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии диссертант ҷамъбаст гардида, барои беҳтарсозии вазъи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби диссертант тавсияҳо пешниҳод гардидааст. Дар баробари паҳлуҳои мусбии диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки ҳангоми ислоҳи он диссертатсия боз ҳам аз ҷиҳати илмӣ сифати хуб мегирад.

1. Дар қисмати назариявии мавзуи таҳқиқот ақидаи мунақидонаи муаллиф дар бораи маблағгузории худ номаълум аст;
2. Дар қисмати таҳлил муаллиф таҳлилҳои қиёсӣ гузаронида аст, аммо сабабҳои афзош ва ё камшавии рушди маблағгузории хурдро иникос накард аст.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кори илмӣ баён гардидаанд.

Ҳамин тавр, метавон қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Вазирзода Дилором Раҷамат дар мавзуи “Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз руйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгуйи талаботҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарриз,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, саромӯзгори кафедраи молия Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав:** Султонов М. С.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар , куч. Айни №67, Телефон: (+992) 988939035, E-mail: sultonov.musulmon@mail.ru

**Имзои Султонов М. С. -ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав:** **Шукурзод Ҷ.А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

17.06.2024